*Дастури мазкур дар доираи татбиқи Барномаи рушди саломатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои* 2006-2010, *ҳамзамон барои солҳои* 2011-2013 *дар самти ташаккули ҳаракатҳои иҷтимоӣ ва ташаббусҳои ҷавонон, хадамоти хайрхоҳона ба ҷавонон таввасути амалисозии чорабиниҳои иттилоотӣ-маърифатӣ миёни ҷавонон, аз ҷумла ҷавонони деҳот таҳия гаштааст.*

*Барои истифода ба хамохангсозони (мутахассисони масъули) сохторҳои ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ дар махалхо пешниход карда мешавад.*


**Масъули таҳия**:

Миралиев Қ.А. - мудири Шӯъбаи сиёсати иҷтимоии Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳамоҳангсози Барномаи рушди саломатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои сиёсӣ

**Мураттибон**:

Ҳамоҳангсозони ҷумҳуриявии Лоиҳаи «Пешгирии ВНМО/АНММ миёни ҷавонони деҳот» - Мирзоев И., Факиров А., Одинаев Қ.., Нуриддинова П. ва Сафолов Н.



Бо дастгирии Барнома оид ба муборизазидди ВИЧ/СПИД ва беморииварача дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп гаштааст

Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Investing in our future
The Global Fund
To Fight AIDS, Tuberculosis and Malaria
Барнома оид ба муборизаи зидди ВИЧ/СПИД ва бемории вараҷа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон
HIV/AIDS and Malaria Control in Tajikistan
Программа по борьбе с ВИЧ/СПИД и малярией в Республике Таджикистан
UNDP Tajikistan

## МУНДАРИЧА

ПЕШГУФТОР ........................................................................................ 3
Календарный План мероприятий Проекта ……………………………………….5
I. Барномаи миллии стратегӣ "Ташаббусҳои хайрхоҳона ба ҷавонон" ........................................................................................ 7
II.Гурӯҳҳои ташаббусии барандагони стипендияҳои Президентӣ ва маҳаллии назди Маҳфили ихтиёриёни ҷавон ................................ 9
III.Натиҷаҳои муқоисавии фаъолияти Лоиҳа дар сатҳи маҳалҳо дар давраи (солҳои) 2009-2010 ................................................ 11
IV.Тартиби тақсими вазифаҳои ихтиёриёни МИҶ........................... 16
V.Нақшаи чорабиниҳои стратегии Лоиҳа барои давраи 2010 – 2011 ........................................................................................ 17
1. Машғулиятҳои (тренингҳои) омӯзишӣ........................................ 17
2. Машғулиятҳои (семинарҳои) иттилоотӣ-оммавӣ......................... 19
3. Озмунҳо ........................................................................................ 22
4. Чорабиниҳои варзишии оммавӣ .................................................. 24
5. Вохӯриҳо ва сӯҳбатҳои фардӣ........................................................ 26
6. Вохӯриҳо ва сӯҳбатҳои гурӯҳӣ...................................................... 26
7. Чорабиниҳо бахшида ба санаҳои таърихӣ .................................. 30
8. Васоити ахбори омма .................................................................. 32
5.1.Ҳисоботҳои хаттӣ вобаста ба намудҳои (нишондодҳои) чорабиниҳо аз рӯи шакли иттилоотии оморӣ (ШИО)..................... 33
VI.Намунаи Шартномаҳо бо дарназардошти ҳаҷми корҳо/вазифаҳои Ҳамоҳангсозони маҳаллӣ...................................... 36
VII.Намунаи Шартномаҳо бо дарназардошти ҳаҷми корҳо/вазифаҳои ихтиёриёни Маҳфилҳои ихтиёриёни ҷавон ....... 44

# ПЕШГУФТОР

Солимӣ нерӯест, ки ба беҳтарсозии вазъи иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва инкишофи инсон шароити мусоид фароҳам меорад. Аз ин рӯ, стратегияи ташаккул ва рушди тарзи ҳаёти солим, омили муҳимтарини суръатафзои устуворӣ, паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ мебошад.

Дар давраи истиқлолият новобаста аз мушкилиҳои иҷтимоиву иқтисодӣ дар ҷумҳурӣ оид ба нигаҳдории саломатии аҳолӣ, аз ҷумла наврасон ва ҷавонон тадбирҳои муҳим қабул ва амалӣ гардидаанд.

Татбиқи Барномаи рушди саломатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006-2010, ки фарогири тамоми мушкилоти саломатии наврасон ва ҷавонон мебошад, аз қабили чунин тадбирҳост.

Дар доираи Барномаи рушди саломатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006-2010 чорум сол аст, ки Лоиҳаи пешгирии ВНМО/БПНМ миёни ҷавонон деҳот амалӣ гардида истодааст. Лоиҳаи мазкур дар кишвар ягона механизме мебошад, ки аксариятро бо фарогирии қисми зиёди шаҳру ноҳия дар бар гирифтааст.

Воқеъист, ки дар шароити тараққиёти ҷомеаи муосир ин тадбир азнавкунии пай дар пайиро талаб мекунад. Бахусус дар он ҳоле, ки афзалиятҳои асосии Лоиҳа, яъне бемориҳои сироятии ҷинсӣ, Вируси Норасоии Масунияти Одам/Бемории Пайдошудаи Норасоии Масуният (ВНМО/БПНМ) ва нашъамандӣ ҳамарӯза афзуда истодааст, аз ҷумла миёни насли ҷавон, ки ояндаи ҷомеа мебошанд. Яъне, вазифаи асосии Лоиҳа, ин мусоидат ба беҳдошти вазъи саломатии оянда дар имрӯз аст.

Бар замми ин, хизматрасонӣ ба ҷавонон дар самти саломатӣ бояд оқилона буда, манфиат ва эҳтиёҷоти онҳоро ба инобат гирифта, нисбати онҳо хайрхоҳона бошад. Чунин тарзи хизматрасонӣ барои пайдо намудани иттилооти дуруст ва бамаврид мусоидат намуда, номгӯи пурраи

хизматрасонии дастрас, қобили қабул, босифат ва махфиро аз ҷониби кормандони касбӣ, ки ба онҳо масъалаҳои саломатӣ, принсипҳои хизматрасонии хайрхоҳона ба ҷавонон омӯзонида шудааст ва аз ҳама муҳим иштироки худи ҷавононро ба воситаи ҷорӣ намудани барномаҳои омӯзишии "Ҳамсол ба ҳамсол" таъмин менамояд.

Ҳамин тариқ, Дастури мазкур барои амалигардонии чорабиниҳоии маърифатӣ-иттилоотии Лоиҳаи пешгирии ВНМО/БПНМ миёни ҷавонон деҳот тартиб дода шудааст.

Инчунин, ин Дастур барои ҳамоҳангсозӣ ва дастгирии фаъолияти дигар гурӯҳҳои ташаббусӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон, ки дар самти амалӣ гардонидани чорабиниҳои иттилоотӣ-маърифатӣ миёни ҷавонон кор мебаранд тавсия карда мешавад.

Итминони комил дорем, ки ин Дастур ба тарзи ҳаёти солим, пешгирии бемориҳои махсусан хавфнок миёни ҷавонони деҳот ва умуман рушди саломатии ҷавонон ба воситаи ташаббуснокии ҳайати кории он боис мегардад.

**КАЛЕНДАРЬНЫЙ ПЛАН МЕРОПРИЯТИЙ**
**на период июль 2010 – июнь 2011 гг.**

| № | Мероприятия | Сроки (мес.) 2010 | | | | | | 2011 | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 07 | 08 | 09 | 10 | 11 | 12 | 01 | 02 | 03 | 04 | 05 | 06 |
| **<u>Компонент 1.</u> Укрепление потенциала молодежных волонтерских клубов** | | | | | | | | | | | | | |
| 1. | Разработка Операционное Руководство по реализацию компонентов Проекта | ■ | | | | | | | | | | | |
| 2. | Двухдневные тренинг - ЭСО 150 тренеров-волонтеров (сертификация тренеров) МВК[1] | | ■ | ■ | ■ | | | | | | | | |
| 3. | Четырехдневные тренинги для волонтеров МВК на местах | | | | ■ | ■ | | | ■ | ■ | | | |
| **<u>Компонент 2.</u> Развитие партнерства и сотрудничества** | | | | | | | | | | | | | |
| 4. | Проведение однодневных региональных партнерских круглых столов с охватом регионов Курган-тюбе, Куляб, Хорог, Худжанд, Рашт и Гиссар | | | | ■ | ■ | ■ | | | | | | |
| 5. | Проведение ИОКК совместно с партнерскими организациями | ■ | ■ | ■ | ■ | ■ | ■ | ■ | ■ | ■ | ■ | ■ | ■ |

[1] Пятидневный тренинг по повышению уровня знания (сертификации) 150 тренеров-волонтеров организуется в сотрудничестве с ЮНФПА, в случае необходимости, привлекается соответствующие организации

| | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Компонент 3.** **Расширение доступ молодежи к информации жизненно необходимых навыков в области здоровья, проведения ИОКК среди молодежи, включая молодых людей в возрасте 15-24 лет** | | | | | | | | | | | | | |
| 1. | Проведения регулярного ИОКК | | | | | | | | | | | | |
| **Компонент 4.** **Мониторинг и оценка воздействия проекта** | | | | | | | | | | | | | |
| 2. | Отслеживание процесс реализации мероприятий и результатов Проекта | | | | | | | | | | | | |
| 3. | Анализ и оценка деятельности МВК касательно качества их услуг бенефициарам | | | | | | | | | | | | |
| 4. | Оценка ситуаций касательно воздействия результатов Проекта | | | | | | | | | | | | |
| 5. | Сбор данных и сдача отчетов результатов Проекта | | | | | | | | | | | | |
| **Компонент 5.** **Содействие развитию творческих произведений по вопросам здорового образа жизни (ЗОЖ)** | | | | | | | | | | | | | |
| 6. | Поддержка молодых творчеств | | | | | | | | | | | | |
| 7. | Выпуск поддержанных инициатив | | | | | | | | | | | | |

## I. Барномаи миллии стратегӣ "Ташаббусҳои хайрхоҳона ба ҷавонон"

Ташаббусҳои хайрхоҳона ба ҷавонон - маҷмӯи хизматҳое (корҳое) мебошад, ки нисбат ба ҷавонон ва шахсони ниёзманд ба таври хайрхоҳона ва некбинона расонида мешавад.

Ташаббусҳои хайрхоҳона ба ҷавонон стратегияи миллӣ буда дар сатҳи ҷумҳурӣ ба шакли Барномаи махсуси фаъолият миёни ҷавонон аз соли 2000 инҷониб амалӣ гардонида мешаванд. Шакли амалигардонии Барнома тариқи Маҳфилҳои ихтиёриёни ҷавон, Гурӯҳҳои ташаббусии ҷавонон, Марказҳои репродуктивии ҷавонон, Марказҳои маърифатӣ-иттилоотии хайрхоҳона ба ҷавонон ва ғайра сурат гирифтааст. То имрӯз Стратегияи мазкур дастовардҳои ниҳоиро асосан дар самти беҳдошти вазъи саломатии ҷавонон ноил гардидааст. Қадамҳои оянда ин ташаккули заминаҳои устувор барои Стратегияи "Ташаббусҳои хайрхоҳона ба ҷавонон" дар самти амалигардонии сиёсати иҷтимоии ҷавонон мебошад.

Бартарияти Стратегия дар он аст, ки принсипҳои амалии он дар сатҳи байналмилалӣ озмоида шудааст ва яке аз стратегияҳои муҳими таъсиррасон дар шароити ҷомеаи демократӣ пазируфта шудааст. Ба хусус Стратегияи мазкур дар кишварҳои Аврупо ва ИДМ, аз қабили Молдова, Македония, Туркия, Россия, Украина, Қазоқистон ва ғайра натиҷаҳои ниҳоиро ноил гардидааст.

Асоси ҳуқуқии Стратегияи "Ташаббусҳои хайрхоҳона ба ҷавонон"-ро Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон" ва Барномаи рушди саломатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006-2010 ташкил медиҳад.

Принсипҳои асосии Стратегияи "Ташаббусҳои хайрхоҳона ба ҷавонон" инҳо мебошанд:

1. **Ихтиёрӣ** - фаъолиятест, ки ба таври ихтиёрӣ аз ҷониби шахсони хайрхоҳ барои амалӣ гардонидани чорабиниҳои муайяни хусусияти иҷтимоӣ дошта барои рушду нумуи ҷомеа

равона мегардад.

2. **Боварӣ** - Муҳит (атмосфера) ва ё муносибатест, ки дар он шахс худро бехатар ва комил ҳис мекунад, яъне нисбат ба шахси ба ӯ муносибат дошта боварӣ ҳосил мекунад.

3. **Дастрасӣ** - Шароитест, ки ба шахс имконият медиҳад то дилхоҳ мушкилоти худро ба таври ройгон, муфид, имтиёзнок ва ба худ хос ҳал намояд.

4. **Махфият** - Нигоҳ доштани дилхоҳ сиру асрор ва мушкилоти шахс, ки ба ӯ метавонад зиён (зарар) орад.

Бо риоя кардани ҳамаи ин принсипҳои муқарраргардида фаъолияти шахс ҳамчуни фаъолияти хайрхоҳона дониста мешавад ва татбиқи онҳо барои ихтиёриён ва мутахассисони мақомоти ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ ҳатмӣ мебошад, чунки онҳо маҳз афзалиятнокии Барномаи миллии стратегии “Ташаббусҳои хайрхоҳона ба ҷавонон”-ро татбиқ месозад.

## II. Гурӯҳҳои ташаббусии барандагони стипендияҳои Президентӣ ва маҳаллии назди Маҳфили ихтиёриёни ҷавон

Дар сатми татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон дастгирии ҷавонони лаёқатманд, аз ҷумла, дар ҷоддаи илму маърифатнокӣ, яке аз афзалиятҳои маҳими давлатӣ муқаррар гадидааст.

Аз ин рӯ, Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки мақомоти давлатии татбиқкунандаи сиёсати давлатии ҷавонон муқаррар гардидааст пайваста дар самти дастгирии лаёқатмандӣ ва эҷодкории ҷавонон тадбирҳои муассир амалӣ гардидонида истодааст. Таъсиси ҷоизаҳои “Исмоили Сомонӣ” барои олимони ҷавон дар соҳаи илму техника, “Кумита” барои муҳаққиқони ҷавон дар соҳаи эҷодкорӣ ва таҳқиқотӣ, стипендияҳои “Президентӣ” ва “маҳаллӣ” барои хонандагон ва донишҷӯёни фаъол аз қабили ин тадбирҳост.

Мақсади асосии таъсиси стипендияи “Президентӣ” ин

ҷалби ҷавонони лаёқатманд ба фаъолнокӣ дар ҷоддаи худшиносӣ ва худташаккулёбӣ, ташаббускорӣ ва хизматрасонии хайрхоҳона ба шахсони ниёзманд, ҳамсолони худ ва нахуст барои саҳмгузорӣ ба рушду нумӯи кишвар, ватандӯстӣ ва худшиносии миллӣ мебошад. Вазифаҳои асосии гирандагони стипендияҳо бошад, ин иштироки фаъолона дар ҳамагуна чорабиниҳои ҷамъиятӣ, ёрӣ расонидани ба кормандони бахшҳои ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ дар амалигардонидани чорабиниҳои ташкилӣ, маърифатӣ ва иттилоотӣ ва пеш бурдани корҳои ташкилӣ-оммавии муасиссаҳои таълимӣ (ҷойи хониш) мебошад.

Аз ин лиҳоз, бахшҳои ҷавонон, варзиш ва сайёҳии шаҳру ноҳияҳоро зарур аст, ки дар заминаи Маҳфилҳои ихтиёриёни ҷавон, ки Гурӯҳҳои ташаббусии гирандагони стипендияҳоро таъсис додаанд, онҳоро ҳамчун қувваи ёрирасон дар ҳамагуна чорабиниҳои ташкилӣ-оммавӣ истифода баранд. То ҳол фаъолияти ин гурӯҳҳо ба талаботи воқеъӣ ҷавобгӯ нест, ки дар он пеш аз ҳама камфаъолии масъулон сохторҳои маҳаллии Кумита боис гардидааст.

Агар аъзоёни Маҳфили ихтиёриёни ҷавон дар маҳалҳо 10 - 20 нафарро ташкил диҳад, пас дар якҷоягӣ бо Гурӯҳи ташаббусии гирандагони стипендияҳо бояд 30-40 нафарро ташкил диҳад. Яъне, бо ин иқдом бахшҳои ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ имкон пайдо мекунанд, ки то 40 нафар хизматрасон (ёрирасон) ба сифати воҳидҳои иловагии корӣ дошта бошанд ва онҳоро ҳамчун мутахассисони ҷавон барои фаъолият дар сохторҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ омода созанд. Инчунин, ихтиёриёни ин хадамот ба сифати захираи кадрӣ шинохта мешаванд.

**Хусусиятҳои хоси ихтиёрӣ**

Ихтиёрӣ шахсест, ки барои хайрхоҳӣ нисбат ба шахси эҳтиёҷманд ихтиёран амалеро (фаъолиятеро) ба анҷом мерасонад, ки он ба манфиати шахси эҳтиёҷманд ва дар умум ба манфиати ҷомеа равона мегардад. Фаъолияти ихтиёрӣ муввақатӣ буда дар бисёр мавридҳо (вобаста ба таҷриба) он на зиёда аз 12 моҳ давом мекунад. Ин аксиома бо ду сабаб маънидод мегардад. Аввал он ки шахси ихтиёрӣ, ихтиёран ва

бо майли хайрхоҳӣ ва бе дарназардошти манфиатнокии маблағӣ (пулӣ) фаъолият мекунад ва хоҳ нохоҳ ин тамоюл мӯҳлати тӯлонӣ надорад, чунки ҳаёт ин мубориза аст, як рӯз бурд ва як рӯз бохт мекунӣ, як рӯз барои хайр ва як рӯз барои манфиат фаъолият мекунӣ. Дувум он ки худи фаъолияти ихтиёрӣ шахсро ба фаъолнокӣ ва интихоби роҳи дурусти ҳаётӣ омода месозад, ки ин мӯҳлати тӯлонӣ талаб намекунад. Мавриде, ки шахс мустақилияти худро ҳис мекунад аллакай ба фазои дигари ҳаётӣ, яъне такмили қобилиятнокӣ, мубориза ва ишғоли мавқеъи худ дар ҷомеа мегузарад. Ва дар ниҳоят фаъолияти ихтиёрӣ - ин мактаб аст, мактаби омӯзиши маҳорати фаъолнокӣ, идоракунӣ, ровигӣ, инсондустӣ, хайрхоҳӣ ва худшиносӣ. Мавриде ки шахс ин малакаҳои ҳаётиро аз худ мекунад, аллакай хатмкардаи мактаби ихтиёрӣ пазируфта мешавад ва барои давом додани ҳаёти пурталош ҳидоят карда мешавад.

Ин маънои онро надорад, ки шахси интихобгардидаи ихтиёрӣ бояд на зиёда за 12 моҳ фаъолият кунад, ин ихтиёрӣ аст, шояд ин мактаб барои қисме аз ҷавонон мушкил бошад ва онро на дар то 12 моҳ, балки то 24 моҳ ва ё зида аз он хатм намоянд.

Бинобар ин, фаъолият дар Маҳфили ихтиёриёни ҷавон - ихтиёрӣ аст, хоҳ музднок, хоҳ бемузд, хоҳ гирандаи стипендия, хоҳ хонандаи оддӣ барои ҳама як принсипи корӣ аст, хатми бомуваффақияти мактаб ва омода гардидан ба сифати фарди комёб, худшинос ва манфиатовар ба ҷамъият, ватан, миллат ва давлат.

## III. Натиҷаҳои муқоисавии фаъолияти Лоиҳа дар сатҳи маҳалҳо дар давраи (солҳои) 2009-2010

Чи тавре маълум аст, Лоиҳаи “Пешгирии ВНМО/ БПНМ миёни ҷавонони деҳот” дар Тоҷикистон аз ҷониби Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз сентябри соли 2007 инҷониб дар доираи татбиқи Барномаи рушди саломатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006-2010 амалӣ гардида

истодааст.

Дар ин мӯҳлат Лоиҳа тавонист, ки дар 51 ноҳияҳои интихобӣ зиёда аз 1500 ихтиёриён ва 150 тренерон-ихтиёриёнро омода созад, 3514 семинарҳои омӯзишии маҳаллӣ доир намуда беш аз 86442 ҷавононро бо иттилооти сифатнок фаро гирад, 3548 чорабиниҳои маърифатӣ-фарҳангии маҳаллию минтақавӣ доир намуда 128373 ҷавононро бевосита фаро гирад, 6512 чорабиниҳои варзишии оммавӣ ба монанди футбол, волейбол, шоҳмот, шашка, теннси рӯи миз ва баскетбол ташкил карда 148339 ҷавононро бевосита фаро гирад, 122829 мулоқотҳои фардӣ ва гурӯҳӣ доир намуда 277090 ҷавононро ба иттилооти дастрас фаро гирад, 1930 мулоқотҳо бо муҳоҷирони меҳнатӣ ташкил намуда 21497 ҷавононро бо иттилооти зарурӣ бевосита фаро гирад, 3871 чорабиниҳо бо духтарон ва занони хонашин ташкил намуда 16366 ҷавононро бо иттилооти зарурӣ бевосита фаро гирад, 589 мулоқотҳо бо ҷавонони дар сафи қувваҳои муссалаҳ хизмат дошта, ташкил намуда 12008 ҷавононро бо иттилооти зарурӣ бевосита фаро гирад ва 1822 чорабиниҳо ба монанди нашри мақолаҳо дар рӯзномаҳо ва маҷалаҳои даврӣ ва баромадҳо дар шабакаҳои радио ва телевизионӣ амалӣ намуда тақрибан 20% гурӯҳҳои мақсадиро, яъне ҷавонони деҳотро бевосита бо иттилоот фаро гирад.

Ҳамагӣ дар давраи сентябри 2007 – июни 2010 144615 чорабиниҳо баргузор гардида 690115 наврасон ва ҷавонон бо иттилоот ва малакаҳои зарурӣ фаро гирифта шуданд.

Дар таносубият ба давраи гузашта (2008-2009) дар давраи 2009-2010 баргузории чорабиниҳо чунин сурат гирифтаанд:

Дар натиҷаи чорабиниҳои баргузоргардида 255047 наврасон ва ҷавонон (60,4% духтарон), инчунин 142960 ҷавонони синну соли 12-24 сола (43,5% духтарон) фаро гирифта шуданд. Дар доираи Лоиҳа вобаста ба татбиқи чорабиниҳо ба таври иловагӣ бо ташаббуси масъулони маҳаллии Лоиҳа боз 113557 сомонӣ ҷалб гардид.

1. 14 тренингҳо барои такмили ихтисоси 134 тренерон-ихтиёриёни шаҳру ноҳияҳои вилоятҳои Хатлону Суғд

баргузор гардид, ки 51,4% он ба ҷавонзанон рост меояд.

2. Дар натиҷа аз тренингҳои гузаронидашуда ҳамоҳангсозон ва ихтиёриёни Лоиҳа тавонистанд, ки 1288 семинарҳо ташкил намуда, 20696 ҷавононро ба иттилооти сифатнок дар самти ташаккули тарзи ҳаёти солим, аз ҷумла пешгирии ВНМО аз дидгоҳи Ислом фаро гирифтанд. 44,2% фарогирифтагонро духтарон ташкил дод.

3. Аз ҷониби сохторҳои маҳаллӣ 1317 озмунҳои ҳозирҷавобӣ, иншо, расм ва ғайраҳо баргузор гардида, 46465 наврасон ва ҷавонон, ба хусус 48,3% духтарон бо иттилооти зарурӣ фаро гирифта шуданд. Шумораи умуми тамошобинон бошад 106865 нафарро ташкил дод.

4. 2215 чорабиниҳои варзишӣ-оммавӣ ташкил гардида, 53725 ҷавононро бевосита фаро гирифта шуд. 31,3% иштирокдоронро духтарон ташкил додаст, чун аксарияти майл доштагон ба шуғлнокии варзиширо писарон ташкил медиҳад.

5. 62044 вохӯриҳои фардӣ бо фарогирии 64475, аз ҷумла 58785 ҷавонони 12-24 сола баргузор гардид.

6. 6421 вохӯриҳои гурӯҳӣ бо фарогирии 57655 ҷавонони 12-24 сола баргузор гардид.

- 2391 мулоқотҳо бо фарогирии 28272 муҳоҷирони меҳнатӣ баргузор гардид.

- 4882 мулоқотҳо бо фарогирии 19777 бонувони хонашин баргузор гардид.

- 760 мулоқотҳо бо фарогирии 28272 хизматчиёни ҳарбӣ баргузор гардид.

- 713 мулоқотҳо ҷиҳати пешгирии омилҳои худкушӣ бо фарогирии 30330 ҷавонон баргузор гардид.

- 749 мулоқотҳо ҷиҳати пешгирии омилҳои ҷиноятқорӣ бо фарогирии 27893 ҷавонон баргузор гардид.

7. 1557 чорабиниҳо бахшида ба санаҳои таърихӣ ташкил гардида, 53433 ҷавонон бевосита фаро гирифта шуд.

8. 666 чорабиниҳо тариқи ВАО баргузор гардида, теъдоди зиёди ҷавонон бо иттилооти зарурӣ фаро гирифта шуда.

Чорабиниҳои иброзгардида дар сатҳи шаҳру ноҳияҳои

интихобӣ ба таври гуногун амалӣ гардидаанд. Сатҳи баргузории чорабиниҳо ва вобаста ба он фаъолнокии масъулон дар симои бахшҳои ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ дар доираи Маҳзани иттилоотӣ чунин таҳлил гардидааст.

Тибқи стратегияи баҳодиҳӣ ду навъи фарогирӣ мавҷуданд, сифатӣ ва миқдорӣ. Дилхоҳ фаъолият новобаста аз манфиатнокии миқдорӣ натиҷанокии сифатиро пеша мекунад, чунки маҳз бо таъмини сифатнокии кор ба натиҷаҳои ниҳоии дилхоҳ ноил гардидан мумкин аст. Навъи миқдорӣ - ин фаъолияте мебошад, ки мадди аввал теъдодро мегузорад, яъне натиҷаи кор бояд миқдоран зиёд бошад новобаста аз сифатнокии кор. Дар мисоли Лоиҳа ба ин навъ чорабиниҳои варзишӣ, вохӯриҳои гурӯҳӣ, чорабиниҳои бахшида санаҳои таърихӣ ва ВАО рост меояд. Яъне, он чорабиниҳое, ки теъдодан нафарони зиёдро фаро мегираду баҳодиҳӣ ва таъсирнокии он ба гурӯҳҳои мақсадӣ душвор мегардад, фаъолияти миқдорӣ мебошад.

Навъи сифатӣ - навъи фаъолияте мебошад, ки он ҳамеша мадди аввал сифатро мегузорад новобаста аз миқдори фарогирӣ. Афзалияти навъи сифатӣ дар он аст, ки мавриди бадасторӣи он натиҷаи миқдорӣ низ аз худ карда мешавад.

Вобаста ба таҳлили омории "Чорабиниҳои гузаронидашуда" дар давраи 2009-2010 дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳои интихобӣ таваҷҷӯҳи бештар ба чорабиниҳои иттилоотӣ-оммавӣ, аз ҷумла чорабиниҳои варзишӣ равона гардидааст. Ин хуб аст, вале мақсади Лоиҳа маълумотнок гардонидани аҳолӣ, аз ҷумла ҷавонон оид ба пешгирӣ ва хатари бемориҳои махсусан хавфнок аз қабили ВНМО/БПНМ, сироятии ҷинсӣ ва нашъамандӣ мебошад на ҷалби ҷавонон ба варзиши оммавӣ. Аз ин ҷадвал чунин хулоса бармеояд, ки гӯё мақсади асосии Лоиҳа ин рушди варзиши оммавӣ ва фарҳангию фароғатӣ миёни ҷавонон бошад.

Дар давраи ҳисоботӣ иҷроиши вазифаҳои зиёди Лоиҳа бинобар каммасъулиятии ҳамоҳангсозон, мудирони/кормандони бахшҳои ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ ба таври пурра таъмин нагардиданд, ки боиси нигаронист.

1. Тамоми ноҳияҳои интихобӣ бояд ки дар заминаи

МИҶ гурӯҳҳои гирандагони стипенидияҳои Президентиро ташкил медоданд ва фаъолияти онҳоро бахри рушди имконоти худ ҷоннок мекарданд, вале на ҳамаи ноҳияҳо ин вазифаро иҷро намуданд. Воқеан ҳам мақсад аз таъсиси стипендияҳо ва ҳавасмандагрдонии ҷавонон ин истифодаи қувваи амалӣ ва зеҳнии онҳо, пеш аз ҳама бахри ташаккулёбии худ ва амалигардонии чорабиниҳо дар самти татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон мебошад. Дар натиҷаи амалигардонии бомуваффақияти ин иқдом, дар сатҳи ҳар ноҳияе дар алоҳидагӣ захираҳои кадрӣ омода ва барои хизмат ба кишвар пешниҳод мегарданд.

2. Дигар вазифаи пурра иҷро нагардида, ин ба фаъолияти МИҶ ҳамбаста мебошад. Тибқи афзалиятҳои Лоиҳа ҳар ноҳияро зарур буд, ки МИҶ бо ҳайати 20 наврасону ҷавонон таъсис дода, фаъолнокии онҳоро дар татбиқи чорабиниҳои Лоиҳа таъмин менамуданд. Вале дар қисми муайяни ноҳияҳои интихобӣ аслан МИҶ бо ҳайати даҳнафара, ки бо ҳавасмандии маблағӣ таъмин мегарданд, фаъолият доранд. Яъне, масъулон-ҳамоҳангсозон нисбат ба татбиқи ин вазифа камтаваҷҷӯҳӣ зоҳир намуда, барои ҷалб ва фаъол гардонидани фаъолияти ихтиёриёни МИҶ тадбирҳои зарурӣ наандешаанд.

3. Инчунин, масъалаи дигаре, ки боиси танназули сифати чорабиниҳои Лоиҳа гардидааст, ин салҳанкории масъулон дар пешниҳод кардани ҳисоботи оморӣ мебошад. Тибқи нишондиҳандаҳои оморӣ зарур аст, ки вобаста ба чорабиниҳои гузаронидашуда ҳисоботи (арқоми) воқеъӣ оид ба теъдоди чорабинӣ, шумораи фарогирифтагон ва ғайра пешниҳод карда шавад, ки асоси онро Рӯзномаи ихтиёрӣ ташкил медиҳад. Вале мавриди арзёбӣ ва баҳодиҳӣ маълум гардид, ки арқоми пешниҳодгардида на ҳамеша воқеъӣ мебошад ва он боиси барзиёдии ҳисоботи оморӣ ва аз ҳолати воқеъӣ дур будани натиҷаҳои Лоиҳа мегардад.

4. Дар қисме аз ноҳияҳо ба монанди Айнӣ, Н.Хусрав, Қубодиён ва ғайра фаъолнокии ихтиёриёни МИҶ кам ба назар мерасад. Мавриди арзёбӣ ва баҳодиҳӣ, ки дар ҳар се моҳ як маротиба аз ҷониби ҳамоҳангсозони ҷумҳуриявӣ

баргузор мегардад, ихтиёриёни МИҶ на ҳамеша дар ҷойи худ дарёфт мегарданд ва сабаби ин камфаъолиро ҳамоҳангсозони маҳаллӣ дар бемор будани ихтиёриён, дар меҳмонӣ ва ё дар сафар будан, дохил шудан ба донишгоҳҳо ва ғайра баҳона мекунанд.

Тибқи Низомномаи МИҶ ихтиёриён ҳар рӯз дар муддати то 1-2 соат дар назди Ҳамоҳангсози маҳаллӣ ҷамъ омада, сипас барои гузаронидани чорабиниҳои алоқаманд ба маҳалҳои худ равона мегарданд. Яъне, дар се моҳ як маротиба ҳам ҷамъ наовардани пурраи аъзоёни МИҶ аз эҳтимол дур аст ва бар ҷуз аз бемасъулиятӣ дигар сабабе надорад.

Бо дарназардошти таҳлили боло бо қарори Гурӯҳи миллии амалисозии Лоиҳа фаъолияти Лоиҳа дар ноҳияҳои Н.Хусрав, Айнӣ ва Қубодиён барҳам дода шуд. Минбаъд низ чунин тадбирҳо нисбат ба шаҳру ноҳияҳое, ки ӯҳдабарои Лоиҳа намегарданд ва сифати чирабиниҳоро таъмин намекунанд, андешида мешаванд.

## IV.Тартиби тақсими вазифаҳои ихтиёриёни МИҶ

Бо дарназардошти арзёбӣ ва баҳодиҳии мунтазами ҳамоҳангсозони ҷумҳуриявӣ ва ҷамъбасти ҳисоботи давраи 2009-2010, муайян/тақсим кардани вазифаҳои ихтиёриён ба соҳаҳои афзалиятноки Лоиҳа ва масъул кардани онҳо барои иҷроиши саривақтии чорабиниҳо, зарур мегардад.

| | СОҲАҲОИ АФЗАЛИЯТНОК | ТЕЪДОДИ ИХТИЁРИЁНИ МАСЪУЛ | ЭЗОҲ |
|---|---|---|---|
| 1. | Тренингҳои омӯзишӣ барои ихтиёриён | 1-2 | Ҳамоҳангсозон –ихтиёриён |
| 2. | Семинраҳои иттилоотӣ барои ҷавонон | 2 | 1 гирандагони стипендияҳо |
| 3. | Озмунҳо | 2 | 1 гирандагони стипендияҳо |
| 4. | Чорабиниҳои варзишии оммавӣ | 1 | 2 гирандагони стипендияҳо |
| 5. | Вохӯриҳо/мулоқотҳои фардӣ | 1 | 2 гирандагони стипендияҳо |
| 6. | Вохӯриҳо/мулоқотҳои гурӯҳӣ | 2 | 1 гирандагони стипендияҳо |
| 6.1 | Мулоқотоҳо бо ҷавонони 12 - 24 сола | | |
| 6.2 | Мулоқотоҳо оид ба масъалаи муҳоҷирати меҳнатӣ | | |
| 6.3 | Мулоқотоҳо бо занҳои хонашин | | |
| 6.4 | Мулоқотоҳо бо хизматчӣёни ҳарбӣ | | |
| 6.5 | Мулоқотҳо бо ҷавонон оид ба пешгирии омилҳои худкушӣ | | |
| 7. | Чорабиниҳо бахшида ба санаҳои таърихӣ | 2 | 1 гирандагони стипендияҳо |
| 8. | Васоити ахбори омма | 1-2 | Ҳамоҳангсозон –ихтиёриён |

ҚИСМИ 1. Намудҳои (нишондодҳои) асосии чорабиниҳои маърифатӣ-иттилоотӣ ва роҳу усулҳои амалигардонии онҳо

### 1. Машғулиятҳои (тренингҳои) омӯзишӣ

Яке аз роҳу усулҳои иттилоотноки ва ё маърифатнокии сифатнок вобаста ба дилхоҳ масъала, аз ҷумла масъалаҳои

саломатӣ, ин тариқи машғулиятҳои омӯзишӣ сурат мегирад.

Машғулиятҳои омӯзишӣ дар доираи Лоиҳаи мазкур аз руи методология ё инки усули интерактивии таълим, ки дар шароити ҷомеаи муосир яке аз беҳтаринҳо дар сатҳи байналмилалӣ шинохта шудааст ва хусусан барои насли наврас ҷолиб мебошад, баргузор мегарданд.

А). Намудҳои асосии машғулиятҳо ва роҳу усулҳои амалигардонии онҳо

Машғулиятҳо ба як чанд навъ ҷудо мешаванд:

ОМӮЗИШӢ - барои омода намудани мутахассисон

Мавриди ташкили ин намуди машғулият гурӯҳи муайяни одамон вобаста ба масъалаҳои дахлдор омӯзонида шуда, дараҷаи зарурии ихтисосро аз худ мекунанд. Ихтисоси (квалификатсияи) тренер ё инки мутахассиси соҳаи муайянро соҳиб мегарданд.

Барои аз худ кардани ихтисос тибқи тартиби муқарраргардида, яъне аз рӯи стандартҳои мавҷуда якчанд (зиёда аз 3-4 маротиба) чунин машғулиятҳоро мегузаранд, сипас бо ихтисоси дахлдор сарфароз гардонида мешаванд.

Маротибаи аввалу дуюм - иштирокчиён сертификат барои иштироки мегиранд.

Маротибаи сеюм - барои такмили ихтисос машғулият мегузаранд ва имтиҳоноти муайянро гузашта бо сертификат (шаҳодатномаи) дахлдорро сарфароз мегарданд.

Нисбат ба ҳолати мазкур ҳамоҳангсозони маҳалли аз ҳар ноҳияе ба теъдоди 3 нафарӣ мутахассисони соҳаҳои кор бо ҷавонон, маориф, тандурустӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ду маротиба дар машғулияти омӯзишӣ аз рӯи принсипи “Ҳамсол ба ҳамсол” ширкат намудаанд. Машғулитяи мазкур аз ҷониби Хазинаи нуфузи СММ дар чор минтақаҳои кишвар барои мутахассисони тамоми шаҳру ноҳияҳои интихобӣ дар солҳои 2008-2009 ташкил карда шудааст. То ин ҷониб чунин машғулиятҳоро 150 нафар ихтиёри-тренерон ҳамчун

иштирокчӣ гузаштаанд. Кадамхои минбаъда ин ташкили машғулияти навбатӣ ва таъмини ихтисоси тренер-ихтиёрӣ ба нафарони мазкур мебошад.

Ин навбат машғулиятҳои омӯзишӣ ғайриоддӣ буд тариқи омӯзиши электронӣ срута мегирад. Яъне, барои иштирокчиён тарзи истифодабарии барномаҳои электрониро, ки дар диски махсус сабт гардидааст меомузонанд ва қадамҳои оянда, иштирокчиён баъди анҷоми машғулият мустақилона аз рӯи барномаи электронӣ омӯзиш ва озмоишӣ тестӣ мегузаранд. Барои ин ихтиёриён-тренеронро зарур мешавад, ки мустақилона маводи иттилоотӣ дастрас намуда, онро аз худ кунанд, сипас қадамҳои барномаи электрониро пай дар пай гузаранд. Дар анҷоми барнома, агар бо муваффақият онро хатм намоӣ сертификати тренерӣ ба таври худкор ба воситаи дастгоҳи чопӣ (принтер) чоп мешавад ва он барои тасдиқ ба унвони Кумита бевосита пешниҳод мегардад.

ДИҚҚАТ:

Ихтиёриён-тренеронро зарур аст, ки дар ҷараёни амалигардии марҳилаи сеюми Лоиҳа силсилаи машғулиятҳои омӯзиширо миёни ҷавонони деҳот баргузор намоянд. Барои доир нмаудани чунин машғулиятҳо сараввал (бори дигар) ихтиёриёни Маҳфили ихтиёриёни ҷавонро аз барномаи таълимии (модул) махсус омӯзонида равона созанд.

В). Манбаҳои асосии маблағгузории машғулиятҳо

Манбаҳои маблағгузории машғулиятҳо аз ду манбаъ, аз ҳисоби Лоиҳа ва саҳмияи бевоситаи ташкилотҳои дахлдор, аз ҷумла сохторҳои маҳаллии Кумита ба амал баровarда мешаванд.

Аз ҳисоби Лоиҳа:

Маблағгузорӣ тариқи таъмини маводи дафтардорӣ дар се моҳ як маротиба мувофиқи чорабиниҳои нақшавӣ сурат

мегирад. Маводи зарурӣ аз ҷониби ҳамоҳангсозони ҷумҳуриявӣ дастрас гардида ба ҳамоҳангсозони маҳаллӣ дар ҷойҳо таъмин карда мешаванд.

Инчунин, ихтиёриён ва ихтиёриён - тренерон ҳар моҳ бо маблағи муайян ҳавасманд гардонида мешаванд, ки дар доираи вазифаҳояшон баргузории машғулият низ ворид гардидааст.

ДИҚҚАТ !!!

Ҳамоҳангсози маҳаллиро зарур аст, ки ба таври мақсаднок истифода гардидани маводи дафтардориро санад ва ё суратҷаласа намуда ба парвандаи гузоришҳои молиявии Лоиҳа андузад.

Аз ҳисоби саҳмияи бевосита ва ё манбаҳои маҳаллӣ:

Мавриди баргузории машғулиятҳо саҳмияи бевоситаи ташкилотҳои дахлдор ва ё сохторҳои маҳаллии Кумита, ҳамчун ҳамоҳангсозони Лоиҳа дар маҳалҳо тариқи таъмини макони баргузории машғулият, таъмини иштирокчиён ба машғулият, таъмини хӯрока (мавриди зарурат вобаста ба имконот) ва дигар қисмати ташкилӣ ба амал бароварда мешавад.

2. **Машғулиятҳои (семинарҳои) иттилоотӣ-оммавӣ**

Яке аз роҳу усулҳои иттилоотноки ва ё маърифатнокии сифатнок вобаста ба дилхоҳ масъала, аз ҷумла масъалаҳои саломатӣ, ин тариқи машғулиятҳои омӯзишӣ сурат мегирад.

Машғулиятҳои омӯзишӣ дар доираи Лоиҳаи мазкур аз руи методология ё инки усули интерактивии таълим, ки дар шароити ҷомеаи муосир яке аз беҳтаринҳо дар сатҳи байналмилалӣ шинохта шудааст ва хусусан барои насли наврас ҷолиб мебошад, баргузор мегарданд.

А). Намудҳои асосии машғулиятҳо ва роҳу усулҳои

амалигардонии онҳо

Машғулиятҳо ба як чанд навъ ҷудо мешаванд:

ОММАВӢ - барои баланд бардоштани сатхи дониши гурӯҳ хои максади, ҷавонон вобаста ба масъалаҳои дахлдор. Ин намуди машғулиятҳо одатан аз ҷониби ихтиёриён ташкил карда мешаванд.

Навъи машғулияти мазкур давоми машғулияти омӯзишӣ буда, барои ба таври занҷирӣ расонидани иттилоот ба ҷавонон равона гардидааст.

Агар машғулияти омӯзишӣ хусусияти таълимӣ ва сифатӣ дошта бошад, пас машғулияти оммавӣ хусусияти иттилоотдиҳӣ дорад, яъне баланд гардидани сатҳи маълуммотнокиро таъмин месозад.

Чунин машғулиятҳо одатан аз ҷониби ихтиёриён доир мегарданд.

Диққат:

Ба ҳар як ихтиёрӣ зарур аст, ки чунин машғулиятҳоро бо мувофиқаи Ҳамоҳангсози маҳаллӣ дар мӯҳлати дар як ҳафта на кам аз як маротиба ва на зиёда аз се маротиба миёни ҷавонони деҳот доир намояд. Ҳар як гурӯҳи иштирокчиёни машғулият бояд на кам аз 10 ва на зиёда аз 20 нафарро ташкил диҳанд. Ҳамчунин, синнусоли иштирокчиён бояд ки баробар (на зиёда аз 2 сол фарқ дошта бошад) бошад, ҷинисияти иштирокчиён низ дар алоҳидагӣ таъмин карда шавад. Яъне, барои духтарон ихтиёриёни ҷинси зан барои писарон ихтиёриёни ҷинси мард машғулият доир намояд.

АМАЛӢ - чунин намуди машғулиятҳоро одатан конференссия меноманд. Дар мавриди татбиқи Лоиҳа баргузории чунин машғулиятҳо танҳо аз ҷониби ҳамоҳангсозони минтақавӣ ва ҷумҳуриявӣ ташкил карда мешаванд.

В). Манбаҳои асосии маблағгузории машғулиятҳо

Манбаҳои маблағгузории машғулиятҳо аз ду манбаъ, аз ҳисоби Лоиҳа ва саҳмияи бевоситаи ташкилотҳои дахлдор, аз ҷумла сохторҳои маҳаллии Кумита ба амал баровардa мешаванд.

Аз ҳисоби Лоиҳа:

Маблағгузорӣ тариқи таъмини маводи дафтардорӣ дар се моҳ як маротиба мувофиқи чорабиниҳои нақшавӣ сурат мегирад. Маводи зарурӣ аз ҷониби ҳамоҳангсозони ҷумҳуриявӣ дастрас гардида ба ҳамоҳангсозони маҳаллӣ дар ҷойҳо таъмин карда мешаванд.

Инчунин, ихтиёриён ҳар моҳ бо маблағи муайян ҳавасманд гардонида мешаванд, ки дар доираи вазифаҳояшон баргузории машғулият низ ворид гардидааст.

ДИҚҚАТ !!!

Ба ҳар як Ҳамоҳангсоз дар алоҳидагӣ зарур аст, ки ҳайати ихтиёриёнро аз нав ташаккул диҳад. Дар ин раванд мебояд синнусол, тамоюлнокӣ дар ду соли пешоянд, маллакаҳои ҳаётӣ, кордони, қобилиятнокӣ ва ғайра ба инобат гирифта шавад.

Ихтиёриёни марҳилаи гузашта, ки ба ин нишондодҳо ҷавобгӯй мебошанд тариқи озод (бе озмун) ба марҳилаи навбатӣ гузаронида шаванд.

## 3. **Озмунҳо**

Озмун яке аз чорабиниҳои оммавии ҷолиб буда ҷавононро барои болидарӯҳӣ ва ҳозирҷавобӣ, фароғат ва маърифати маънавӣ ҳидоят менамояд. Озмун воситаи асосии роҳ ёфтан ба мафкураи насли наврас ва тағйир додани рафтори онҳо мебошад.

А). Намудҳои асосии озмунҳо ва роҳу усулҳои

амалигардонии онхо

Якчанд намудаҳои озмунҳо мавҷуданд, ки аз онҳо ба Лоиҳа ин намудҳояшон хос мебошад:

Ҳозирҷавобӣ ва хушҳолӣ - озмуни мазкур дар сатҳи ҷаҳонӣ ҳамчун “КВН” муаррифӣ гардидааст.

Ташикли чунин навъи озмун бо иштироки мустақилонаи ҷавонон тавсия дода мешавад. Чунки мавриди иштирок шахси ҷавон, имкон пайдо мекунад, то малкаи ровигӣ ва ҳазлу шухӣ пайдо намояд, ҳозирҷавоб ва зирак гардад.

Саволу ҷавоб ё викторина - ба шахс имкон медиҳад, то дониши худро ба масъалаи дилхоҳ санҷад ва тақвият диҳад. Насли наврасро ба донишҷӯӣ ва хониши амиқ ҷалб мекунад.

Баргузории чунин навъи озмунро ба таври мунтазам, яъне дар ҳамагуна чорабиниҳои маърифатӣ-фарҳангӣ тавсия карда мешавад.

Расомӣ - навъи озмуне мебошад, ки ба шахс имкони кушода шудан ва таасуроти шахсиро пешво менамояд. Инчунин, ба шахс имкони аз худ кардани касб, касби расомиро низ тақозо мекунад. Шахс мавриди тасвир тамоми хаёлоти худро рӯи қоғаз меорад, яъне кушиш мекунад, ки тамоми маълумотро вобаста ба масъалаи баррасишаванда дарёфт намояд ва омӯзад.

Ташкили озмуни расми беҳтаринро мунтазам мавриди чорабиниҳои маърифатӣ-фарҳангӣ ва чорабиниҳои бевоситаи тасвирӣ пешниҳод карда мешавад.

Иншо - ба монанди озмуни “расомӣ” ҳасос мебошад. Фарқ дар он аст, ки мавриди таҳияи иншо шахс тахаюлоташро на ба таври тасвир, балки ба воситаи хат нишон медиҳад.

Ташкили чунин навъи озмунро миёни ҷавонони синнусоли 14-24 сола тавсия медиҳем.

Теъдоди иштирокчиёни озмунҳо маҳдуд набуда, он ба навъ ва талаботи озмунҳо вобастагӣ дорад.

ДИҚҚАТ!

